# Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ФАРМОИШ

аз «23» 02 соли 2016, №34 ш. Душанбе

Дар бораи гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим, таъмин намудани самаранокӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани сатҳи корҳои методӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар асоси банди 10 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Низомномаи гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» (Табаров Т.) вазифадор карда шавад, ки ҳар сол дар моҳҳои май - июн дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин»-ро гузаронад ва аз натиҷаи баргузории он ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш диҳад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазир Мирзозода А. Н. гузошта шавад.

Вазир С. Тағойзода

Бо фармоиши Вазири меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «23» феврали соли 2016, №34
тасдиқ карда шудааст.

# НИЗОМНОМАИ

## гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

Низомномаи гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин» (минбаъд озмун) дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикстон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст ва мақсади асосии он таъмин намудани самаранокӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани корҳои методӣ мебошад.

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур мақсад, вазифаҳо ва тартиби гузаронидани озмун дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбиро муайян менамояд.

1.2. Озмун ҳар сол дар моҳҳои май - июн дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ гузаронида мешавад.

1.3. Ташкил ва гузаронидани озмунро Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» ба ӯҳда дорад.

### 2. Мақсад ва вазифаҳои озмун

2.1. Мақсади гузаронидани озмун таъмин намудани самаранокӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани корҳои методӣ, баланд бардоштани сатҳ ва таъсири муассири он ба ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошад.

2.2. Вазифаҳои асосии озмун:

- муайян кардани кабинети методии воқеан ҳам фаъолияти самарабахшдошта ва мутобиқи талаботи муосир ҷиҳозонидашуда;
- таъмини муназзамии раванди таълиму тарбия тавассути фаъолгардонии кори кабинетҳои методӣ;
- инкишоф додани салоҳиятнокии методистон, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами онҳо дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- баланд бардоштани мақоми кабинети методӣ ҳамчун маркази ташаккулдиҳандаи маҳорати касбии ҳайати кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ;

- фаъол гардонидани кори кабинетҳои методӣ дар самтҳои таъмини ташкилӣ - методӣ, таҳлилӣ ва иттилоотӣ;

- дарёфти роҳу усулҳои муосири инноватсионӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи раванди он дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

### 3. Иштирокчиёни озмун

3.1. Иштирокчиёни озмун муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошанд.

3.2. Дар ҷамъбасти озмун кабинети методии ғолиб тибқи унвони «Кабинети методии беҳтарин» муайян карда мешавад.

### 4. Ташкил ва гузаронидани озмун

4.1. Ташкил ва доиркунандаи озмун Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» мебошад.

4.2. Вазифаҳои Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»:

- дастрас гардонидани фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 феврали соли 2016, № 34 «Дар бораи гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин» дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва таъмини иҷрои он;

- ҷамъоварӣ намудани маводи пешниҳодшуда (мавод ва навори видеоӣ) ва ба ҳайати ҳакамон манзур намудани он;

- ташкил ва баргузор намудани ҷаласаҳои ҳайати ҳакамон ва таҳия кардани лоиҳаҳои суратмаҷлисҳои он;

- таъмини ошкорбаёнӣ дар раванди ташкил, гузаронидан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои озмун;

- сари вақт ва воқеъбинона баррасӣ намудани мурoҷиатҳо ва арзу шикоятҳои иштирокчиёни озмун.

### 5. Ҳайати ҳакамони озмун

5.1. Ҳайати ҳакамон бо мақсади муайян намудани ғолибон тибқи унвонҳо ва ҷамъбаст намудани озмун таъсис дода мешавад.

5.2. Ҳайати ҳакамон:

- раис (директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»);

- муовини раис (муовини сардори Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

Аъзо:

- муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим;

- сардори шуъбаи таълимӣ - методии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- мудири бахши рушд ва инноватсияи Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- сармутахассиси шуъбаи таълимӣ - методии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»;

- раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- муовини раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (вилояти Хатлон);

- муовини раиси Шӯрои директорони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (вилояти Суғд).

5.3. Вазифаи ҳайати ҳакамони озмун:

- омӯзиш ва баҳогузорӣ намудани мавод ва навори видеоии ба озмун пешниҳодгардида аз нуқтаи назари мутобиқати онҳо ба ҳадафу вазифаҳои озмун;

- омӯзиш ва баҳогузорӣ намудани ҳолати воқеии кабинетҳои методии муассисаҳои таълимӣ - иштироккунандагони озмун;

- муайян кардани ғолибони озмун;

- ҷамъбаст намудани натиҷаҳои озмун;

- иштирок дар маросими мукофотонидани ғолибон.

## 6. Тартиби гузаронидани озмун ва муайян намудани ғолибон

6.1. Озмун санҷишҳои зеринро дар бар мегирад:

- арзёбии фаъолияти кабинети методӣ мутобиқи мавод ва навори видеоии пешниҳодшуда (то 10 дақиқа) ва саволу ҷавобҳо (то 5 дақиқа).

6.2. Аз маводи пешниҳодгардида нишондиҳандаҳои ду соли таҳсили охир ба назар гирифта мешаванд.

6.3. Натиҷаҳои баҳогузорӣ ба раиси ҳайати ҳакамон пешниҳод карда мешаванд ва раиси ҳайати ҳакамон холҳои барои ҳар як кабинети методӣ муқаррарнамудаи аъзои ҳайати ҳакамонро ҷамъбаст мекунад.

6.4. Кабинети методии ғолиби озмун ва кабинетҳои методӣ - соҳибони ҷойҳои 2 ва 3 мутаносибан аз рӯйи ҷамъбасти холҳо муайян карда мешаванд.

6.5. Ғолиби озмун ва соҳибони ҷойҳои дуюм ва сеюм эътироф гардидани кабинетҳои методӣ бо суратмаҷлиси ҷаласаи ҳайати ҳакамон ба расмият дароварда мешавад.

6.6. Дар сурати баробар будани холҳои бадастовардаи кабинетҳои методӣ қарор дар бораи ғолиб аз тариқи овоздиҳии кушода қабул карда мешавад ва ҳамон кабинети методӣ ғолиб дониста мешавад, ки ба тарафдории он аз нисф бештари аъзои ҳайати ҳакамон овоз додаанд.

## 7. Мукофотонидани ғолибони озмун

7.1. Ғолиби озмун бо Дипломи дараҷаи якум ва мукофот сарфароз гардонида мешавад. Соҳибони ҷойҳои дуюм ва сеюм мутаносибан бо

дипломҳои дараҷаи дуюм ва сеюм, инчунин мукофотҳои ҳавасмандгардонӣ қадр карда мешаванд.

7.2. Номи кабинети методии ғолиб ва кабинетҳои методӣ - соҳибони ҷойҳои дуюм ва сеюм дар сомонаи интернетии Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» ба нашр расонида мешаванд.

## 8. Маблағгузории озмун

8.1. Ташкил ва гузаронидан озмун аз ҳисоби маблағҳои молиявии дар нақшаи хароҷоти Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим» амалӣ карда мешавад.

Замима

## Меъёрҳои баҳодиҳии озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин»

| № | Меъёрҳои баҳодиҳӣ | Хол | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | **Таъминоти меъёрии ҳуқуқии фаъолияти кабинети методӣ** | | |
| | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти кабинети методӣ, низоми ҳуҷҷатҳои методӣ (0-5) | | |
| | Ӯҳдадориҳои вазифавии методист (0-5) | | |
| | **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 10 хол. Ҷамъ:** | | |
| 2. | **Ҷиҳозонӣ ва ороиши кабинети методӣ** | | |
| | Мутобиқати кабинети методӣ ба талаботи Дастурамали корҳои методӣ дар муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (замимаи 2) (0-5) | | |
| | Мавҷудияти шароит барои пеш бурдани корҳои методии инфиродӣ ва коллективӣ (масоҳати умумӣ, алоҳида ё якҷоя будани он, ороиши эстетикӣ) (0-5) | | |
| | Таъминоти моддӣ - техникӣ, ташкили ҷойи корӣ бо дастрасӣ доштан ба шабакаи интернетӣ (0-5) | | |
| | **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 15 хол. Ҷамъ:** | | |
| 3. | **Банақшагирӣ ва баҳисобгирии фаъолияти кабинети методӣ** | | |
| | Барномаи комплексӣ - мақсадноки рушди муассисаи таълимӣ (0-5) | | |
| | Нақшаи ояндабинии корҳои методӣ (кабинети методӣ) (0-5) | | |
| | Банақшагирӣ ва баҳисобгирии фаъолияти солонаи муассисаи таълимӣ дар самти корҳои методӣ (0-5) | | |
| | Суратмаҷлисҳои ҷаласаҳои шӯроҳои методӣ, иттиҳодияҳо (комиссияҳо) ва гурӯҳҳои эҷодӣ (0-5) | | |
| | **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 20 хол. Ҷамъ:** | | |
| 4. | **Таъминоти ташкилӣ - методӣ** | | |
| | Таҳияи стандартҳои таълимии тахассусӣ, барномаҳои таълимӣ, дастурҳо, тавсияҳои методӣ, китобҳои таълимии тахассусӣ ва маҷмӯаҳои таълимӣ - методии аз ҷониби кормандони муҳандисӣ-омӯзгорӣ (0-5) | | |
| | Мавҷудияти махзани маълумоти электронӣ: маълумот | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дар бораи ҳайати кормандони муҳандисӣ-омӯзгорӣ, маводи таълимии электронӣ, супоришҳои тестӣ (0-5) | | |
| | Маводи кории семинарҳо, коргоҳҳои эҷодӣ ва педагогӣ, гурӯҳҳои проблемавӣ, шаклҳои дигари кор бо кадрҳои муҳандисӣ - омӯзгорӣ (0-5) | | |
| | Гузариши мониторинги сатҳ ва сифати корҳои методӣ ва натиҷабахшии он (0-5) | | |
| | Расонидани кӯмаки амалӣ ба мутахассисони ҷавон, кормандони муҳандисӣ-омӯзгорӣ, ширкат дар машғулиятҳои дарсӣ ва беруназдарсӣ ва таҳлили онҳо, ташкили дарсҳои маҳорати касбӣ (0-5) | | |
| | Ташкил ва гузаронидани аттестатсияи кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ (0-5) | | |
| | Ояндабинӣ, банақшагирӣ ва ташкили такмили ихтисос ва бозомузии ҳайати кормандони муҳандисӣ-омӯзгории муассисаи таълимӣ (0-5) | | |
| | **Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 35 хол. Ҷамъ:** | | |
| **5.** | **Фаъолияти инноватсионӣ** | | |
| | Ширкат ва ғолибият дар озмун оид ба хоста гирифтани барномаҳои таълимии инноватсионии муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (0-5) | | |
| | Нашри маводи эҷодии ҳайати кормандони муҳандисӣ - омӯзгории муассисаи таълимӣ, инъикоси таҷрибаи пешқадами онҳо, рӯзмарра будани масъалаҳои баррасишаванда (0-5) | | |
| | Фаъолияти таҳқиқотии хонандагон ва кормандони муҳандисӣ - омӯзгорӣ (0-5) | | |
| | Гузаронидани конфронсҳо ва озмунҳо дар заминаи муассисаи таълимӣ (0-5) | | |
| | ***Баҳои ҳадди ниҳоӣ - 20 хол. Ҷамъ:*** | | |
| **Баҳои ҷамъбастии ҳадди ниҳоӣ - 100 хол. Ҷамъ:** | | | |